Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) бо ихтисоси илмии 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, таҳти №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Аз мутолиаи диссертатсия бармеояд, ки диссертант оид ба институти оила дар зардуштия ва ислом таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ анҷом дода, онро аз дидгоҳи дини бостонии миллӣ (зардуштия) ва дини ҷаҳонӣ (ислом) баррасӣ намудааст, ки дар асоси қавли маъруф «аз гузашта биомӯз ва ояндаро бисоз», хеле

зарур мебошад. Оила яке аз рукнҳои муҳим ва асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва шаҳрвандиро дар бар мегирад. Инсон нахустин асосҳои феълу рафтор, кирдор, муносибат ба худ ва дигарон, муносибат ба меҳнат ва ҳаёти ҷомеаро маҳз дар оила меомӯзад. Оила ба никоҳ асос ёфта, аз рӯи муҳаббати пок, баробарҳуқуқии зану мард дар муносибатҳои оилавӣ, давом додани насл, таълим ва тарбияи дурусти фарзандон шакл мегирад. Оила ҳамчун қадимтарин сохтори иҷтимоӣ – таърихии инсоният дар ташаккули ҷомеаи инсонӣ нақш ва мавқеи муҳимеро дорост. Оила ҳамеша дар мадди назари давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ин аст, ки дар қонунгузории ҷумҳурӣ Кодекси оила амал мекунад. Эълон гаштани соли 2015 ба унвони соли оила низ аз махсусияти он далолат мекунад. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи имрӯза мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. аҳамияти бештарро соҳиб мебошад. Зеро, тавре ки ба ҳамагон маълум аст сатҳи талоқ дар ҷумҳурӣ, хусусан, аз тарафи оилаҳои ҷавон дар ҳоли болоравӣ қарор дорад. Мувофиқи маълумоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 14069 ҳолати талоқ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 2,9 фоиз зиёд мебошад. Хушбахтона дар соли 2023 сатҳи талоқ ҳудуди 26 фоиз коҳиш ёфтааст, вале, ҳоло ҳам нигаронкунанда мебошад. Ин мушкилот аз мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ дарак медиҳад ва таҳқиқоти анҷомдодаи Одинаев Б.А. метавонад барои таҳкими рукни асосии ҷомеа – институти оила мусоидат намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳои назарӣ ва амалии дар диссертатсия пешниҳодгардида дар илми диншиносӣ мантиқӣ ва асоснок ба назар мерасанд, зеро муаллиф на танҳо ба назарияву таълимот балки ба амалия низ такя намуда, масъалаи мазкурро аз нигоҳи таърихӣ-диншиносӣ таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар қатори пешниҳоди навгониҳо таҳқиқоти диссертатсиониро нахустин

таҳқиқоти комплексии таърихию диншиносӣ оид ба институти оила дар таълимоти зардуштия ва ислом шуморидааст, ки меарзад он ҳамчун сарчашмаи илмӣ эътироф карда шавад. Навгонии натиҷаҳои рисола бе баҳс буда, дар заминаи адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ-соҳавии истифодашуда исбот мегардад. Равиши муаллиф низ оиди масъалаҳои гузошташуда нав буда, кӯшиш намудааст, ки баҳсҳои дар атрофи институти оила бударо ҳал намояд. Навгонии таҳқиқот бо чунин асосҳо собит мегардад: якум, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба таври маҷмӯӣ дар илми диншиносӣ тавассути таҳқиқоти диссертатсионӣ фаро гирифта нашудааст; дувум, мубрамияти масъалаи институти оила тақозои замон буда, то имрӯз аз ҷумлаи масоили мубрами на танҳо илми диншиносӣ балки тамоми илмҳои ҷамъиятшиносӣ боқӣ мондааст.

Диссертант дар маҷмуъ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар самти таҳқиқоти диссертатсинӣ тавассути нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра ҷамъбаст намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ ба маврид истифода намудааст, ки онҳо дар умум навгонии усулӣ ва бунёдии таҳқиқоти диссертатсиониро нишон додаанд.

Мушаххасан оид ба нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки аксаран навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд, қайд намудан лозим аст, ки андешаҳои нав дар илм буда, ҷанбаҳои гуногуни масоили таҳқиқшавандаро ошкор месозанд. Бештари навгониҳои пешниҳодгардида андешаҳои илмӣ ва ҷолиби диққат буда, аввалин маротиба дар илми тоҷик пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф аз методологияи даврабандии рушди мавзуъ моҳирона истифода будра, дар бандҳои 1-уми навгониҳо навиштааст, ки заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия муайян карда шудааст.

Мувофиқи банди 2-юми навгониҳо натиҷаҳои дар таҳкими оилаҳои имрӯза мусоидаткунанда муайян гардидаанд.

Дар банди 3-юми навгониҳо таҳаввули институти оила дар зардуштия муҳокима шудааст.

Дар банди 4-уми навгониҳо муаллиф бунёди хонаводаро дар асоси меъёрҳои исломӣ қонеъ намудани талаботи фитрию иҷтимоии инсон муайян намудааст.

Дар банди 5-уми навгониҳо дар бораи оила ва оиладорӣ, тартиби бастан ва қатъ гардидани никоҳ ва дигар паҳлӯҳои институти оила дар таълимоти ислом сухан рафтааст.

Дар банди 6-уми навгониҳо аҳаммияти муқаддасоти оиладорӣ дар фарҳангу тамаддуни зардуштия ва ислом ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим муайян карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф бо методҳои истифодашуда ва методологияи таҳқиқот, маводи таҳлилгардида, адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои дар раванди таҳқиқот истифодашуда ва инчунин раднопазир будани мубрамияти мавзуъ асоснок карда мешавад. Адабиёти аз ҷониби муаллиф истифодашуда бо мавзуи таҳқиқот робитаи бевосита доранд. Методҳои илмии таҳқиқот низ дар илмҳои фалсафӣ-диншиносӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Диссертатсияи Одинаев Б.А. тибқи талабот оид ба таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида, дар он мавзуи илмӣ аз назари диншиносӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, асосноккунии муқаррароти илмӣ бо далелҳо ва усулу равишҳои илмӣ таълиф гардида, хулосаю пешниҳодҳо дар доираи талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқ ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди давлати миллии тоҷикон таҳия шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ буда, дар доираи

мукаррароти илмӣ навишта шудааст. Аҳаммияти амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки он метавонад дар рушди минбаъдаи ниҳоди оила, таълифи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғайра саҳмгузор бошад. Пешниҳод ва навгонии илмии диссертатсия, хулоса ва нававариҳои муаллиф аз назари забонӣ саҳеҳ, аз назари матлабӣ нишонрас ва аз лиҳози амалияи иқтисодию иҷтимоӣ муфид мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия зимни натиҷагирии таҳқиқот тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии натиҷаҳои асосии диссертатсия таҳия гардидаанд, ки он дар таҳкими институти оила мусоидат менамоянд. Тавсияҳои амалии муаллиф дар 6 банд таҳия гардида, масъалаҳои ҷудогонаи ҳалталаберо дар худ фаро гирифтаанд, ки намунае аз онро метавон чунин нишон дод:

1. Дар тавсия ва пешниҳоди якуми амалии худ муаллиф тақозо намудааст, ки дар қонунгузории оилавӣ шарту талаботҳои махсус оид ба қатъ кардани никоҳ ҷиҳати пешгирии оилаҳои ҷавон аз парокандашавӣ илова карда шавад.

2. Муаллиф дар дигар тавсияи амалии масоили ахлоқӣ, муошират иҷтимоию оилавӣ, худшиносӣ ва ҳувияти фарҳангӣ-миллиро аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷаи илмҳои соҳа ва таҳқиқи масъалаҳои мазкурро дар ин замон дорои мубрамияти хоса дониста, таҳқиқоти диссертатсиониро перомуни таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини фалсафию диншиносӣ ба монанди таълимоти зардуштия ва ислом оиди институти оила ҳамчун базаи илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ барои истифодаи васеи муҳаққиқон пешниҳод намудааст.

3. Дар ин тавсияи амалӣ диссертант аз болоравии сатҳи талоқ дар ҷомеа ёдоварӣ намуда, сабаби онро дар сатҳи пасти маърифати оиладорӣ қарор доштани никоҳшавандагон донистааст. Бинобар ин, пешниҳод намудааст, ки аз ҷониби мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ курсҳои кӯтоҳмуддати таълими маърифати оиладорӣ ташкил карда шавад. Пас аз гузаштани курс ба марду зан аз тарафи мақомоти мазкур

маълумотнома дода шуда, дар асоси пешниҳоди чунин маълумотнома никоҳи онҳо ба қайд гирифта шавад. Бояд гуфт, ки пешниҳоди зикргардида ҷолиби диққат буда, татбиқи он дар амалия метавонад боиси болоравии дараҷаи дониши мардум гардад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Маводҳои интишорнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи диссертатсия ва моҳияти он, мазмуни асосии унсурҳои объекти таҳқиқшаванда, хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои дар кори илмии мазкур матраҳгардидаро пурра инъикос намудаанд, ки онҳо дар 15 мақолаи илмӣ, ки 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Теъдоди маводҳои чопнамудаи муаллиф ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар рисолаи илмӣ ва маводҳои нашрнамудаи Одинаев Б.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд намебошад. Автореферат ва корҳои илмие, ки аз ҷониби диссертант нашр гардидаанд мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ ва пурра инъикос менамоянл.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Он таҳқиқоти маҷмуии комилан ба итмомрасида буда, ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Автореферати диссертатсия

мазмуну мундариҷаи пурраи таҳқиқотро дар бар мегирад. Мақсад ва вазифаҳои дар назди муаллиф буда, пурра иҷро гардидаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос аз муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назаррас таҳқиқоти Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович аз баъзе андешаҳои баҳсталаб, шарҳталаб, норасоиҳо ва камбудиҳои характери назариявӣ ва имлоӣ дошта низ холӣ нест. Бо ин назардошт чунин андешаҳоро баён менамоем:

1. Муҳаққиқ дар диссертатсия қайд намудааст, ки дар оини зардуштия зардуштиён бунёди оиларо танҳо ба хотири бартараф кардани ҳоҷатҳои ҷисмонию ҷинсӣ анҷом намедоданд, балки нисбат ба он ҳадаф ва ормонҳои бисёр олӣ доштанд (саҳ. 153). Инчунин, ӯ дар идома як ҳадафи ташкили оиларо воситаи пешрафти маънавӣ ва ғалабаи некӣ бар бадӣ нишон додааст, ки барои хонанда норавшан мебошад. Бинобар ин, масъалаи мазкур аз муҳаққиқ шарҳи бештарро тақозо менамояд.

2. Муҳаққиқи тоҷик Ғаффор Мирзоев дар мавзуи “Ислом дар матни шуури иҷтимоии мардуми тоҷик (гузашта ва имрӯза)” рисолаи номзадӣ ва дар мавзуи “Консепсияҳои ислоҳотхоҳӣ ва ҳаракатҳои навсозӣ дар ислом (таҳлили фалсафӣ-интиқодӣ)” рисолаи докторӣ ҳимоя намудааст. Аммо, дар таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. ин ду базаи илмӣ-соҳавӣ ба назар намерасанд.

3. Дар диссертатсия баъзе норасоии имлоӣ ва грамматикӣ низ ба назар мерасад.

Андешаҳои баёнгардида ба мазмун ва моҳияти таҳқиқот таъсири ҷузъӣ дошта, сатҳ ва қимати баланди илмии онро коста накарда, баръакс барои дар оянда ҷиҳати рушд додани ин самти таҳқиқот хизмат

менамоянд. Мазмун ва дастоварлҳои таҳқиқоти пшниҳодшуда баёнгари дар заминаи далелу андешаҳои гуногун ба даст овардани хулосаю пешниҳодҳои илмӣ аз ҷониби муаллифи он аст.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷи илмии дахлдор.** Бо дарназардошти далелҳои овардашуда хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқот дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими
илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи академик
А.М. Баҳоваддинови АМИТ **Диноршоева З.М.**

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 902-22-28-86; Почтаи эл.: benazir.amrullo.07@mail.ru

Имзои профессор Диноршоева З.М.-ро
тасдиқ мекунам:
Нозири калони Шуъбаи
кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ **Абдураҳмонзода Б.А.**
«27» 03 2024 с.